***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати Накимов Сафарраҳмат Пиракович дар мавзӯи «Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он (дар асоси маводи хонагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисод аз рӯйи тахассуси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) пешниҳод шудааст.***

Яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии қишлоқ чорводорӣ ва пеш аз ҳама чорвопарварии гӯштӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди ислоҳот ин соҳа буҳрони амикро паси сар кард. Сабабҳои он аз як тараф суст мутобиқ гаштани соҳа ба шароити бозор бошад, аз тарафи дигар вобаста ба эътибор нагирифтани асосҳои институтсионалӣ дар рушди комплекси агросаноатӣ мебошанд.

То як андоза кам гардидани дастгирии соҳаи кишоварзӣ аз тарафи давлат ҳангоми гузаронидани ислоҳоти кишоварзӣ, кифоя набудани сармоягузорӣ, нарасидани хӯроки чорво, мавод ва таҷҳизот, баланд шудани нархи молҳои саноатӣ, вайрон шудани таносуби байни молҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, баланд шудани ставкаҳои қарзӣ (он ҷо ба сатҳе расиданд, ки барои молистеҳсолкунандагон қобили қабул набуданд) ҳама сабабгори буҳрони иқтисодӣ гардиданд.

Қобили зикр аст, ки нишондиҳандаҳои асосии муайянкунандаи осудаҳолии мардум нишондиҳандаи истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Дар соли 2018 истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол 29,0 килограммро ташкил дод. Аммо тибқи меъёри илман асоснокшуда, ки моҳи августи соли 2018 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ шудааст, истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ бояд 40,5 килограммро ташкил диҳад. Вале аҳолӣ воқеан танҳо 71,6%-и меъёри муайяншударо истеъмол намудааст.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки то ҳол дар илми иқтисоди ватанӣ ҳолати имрӯза ва масъалаҳою мушкилоти бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он ба таври бояду шояд мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, муҳимият ва саривақтӣ будани мавзӯи интихобшуда ва арзиши илмии он баръало равшан мегардад.

Диссертант дуруст қайд намудааст, ки рушди бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ такмили технологияи коркарди ашёи гӯштро талаб мекунад. Дар ҳолате ки дар коргоҳҳои хурд қисми бештари маҳсулоти иловагии гӯшт ба партов меравад, истифода намешавад, танҳо чоряки иқтидори заводҳои коркард истифода мешаванд, ҷорӣ намудани технологияҳои имрӯзаи

кампартов ба ҳалли камшавии талаф мусоидат мекунад. Ин бошад, боиси афзоиши миқдор ва сифати маҳсулоти гўштӣ гашта, ба баландшавии самаранокии иқтисодии истеҳсолот оварда мерасонад. Такмили технологияи коркарди ашёи гўшт, бешубҳа, ба диверсификатсияи истеҳсолот мусоидат менамояд, ба фаровонии бозори маҳсулоти хушсифат ва ассортименти он кўмак мерасонад ва дар ҳалли мушкилоти бехатарии маҳсулот дар ҷумҳурӣ, инчунин дар сатҳи минтақавӣ низ саҳм мегузорад.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки бозори маҳсулоти чорводориро ба сифати объекти хариду фурўш ҳамчун бозори мол ва вобаста ба нишонаҳои ҳудудӣ бошад, ҳамчун минтақавӣ тасниф кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки ба таснифоти бозорҳо аз рўйи рақобати бозор назар кардааст. Муаллифи рисолаи мазкур ба донишмандони маълуму маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ – К.Л. Макконнелл ва С.Л. Брю, ки чор шакли бозорро ҷудо кардаанд, такя кардааст: 1) бозоре, ки дорои рақобати соф аст; 2) бозоре, ки рақобати монополистӣ дорад; 3) бозори олигополӣ; 4) бозоре, ки дорои монополияи соф аст. Дар ин самт муаллифи рисола бо андешаи олимони мазкур ҳамфикр буда, инро ба бозори маҳсулоти чорводорӣ татбиқ намудааст.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки омили муҳими афзоиши даромаднокии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нархи миёнаи фурўш ва коэффитсиенти навънокии маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Ҳар қадар ҳаҷми маҳсулоти фурўшӣ зиёд бошад, сатҳи даромаднокӣ меафзояд. Ин ба он алоқаманд аст, ки нархи маҳсулоти навъҳои 1 ва 2 назар ба дигар навъҳо баландтар аст. Дар шароити имрўза хоҷагии қишлоқ чор навъи маҳсулотро ба фурўш мебарорад. Ин аст, ки бо тағйирёбии навъи маҳсулот, ҳаҷми даромад ва дигар нишондиҳандаҳо тағйир меёбанд.

Муаллиф пешниҳод намудааст, ки паст кардани нархи харид ҳамеша ба манфиати кор аст, ҳамчунин дар сатҳи ноҳияҳо таъсис додани корхонаҳои байнихоҷагӣ ва комбинатҳои гўшти сатҳи миёна ва корхонаҳои истеҳсоли хўроки чорво талаботи замон мебошад. Ҳамин тавр, омилҳои асосии рушди бозори гўшт ва соҳаи коркарди маҳсулоти онро мавриди назар қарор дода, муаллиф ба хулосае омадааст, ки ислоҳоти аграрӣ дар кишвари мо натиҷаи мусбат дода метавонад. Фақат дар ин бобат аз равишҳои санҷидашуда оид ба ташаккули иқтисоди омехта, ба вуҷуд овардани шароити баробари ҳуқуқӣ ва иқтисодии инкишофи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамони ҷаҳонӣ истифода бояд кард.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо метавон аз ҷониби мақомоти қонунбарор ва иҷрокунандаи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳои Хатлону Суғд, барои рушди низоми бозорҳои яклухти хўроквории ҷумҳурӣ ва такмили алоқаҳои интегратсионӣ дар зермаҷмўаҳои гўштистеҳсолкунӣ,

дар мактабҳои олии мамлакат ҳангоми таҳияи дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои “Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ”, “Нарх ва нархгузорӣ”, “Назария ва амалияи муносибатҳои бозорӣ”, “Ташкили истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ”, ҳамчунин дар раванди таълими донишҷӯён, магистрҳо ва шунавандагони курсҳои фанҳои иқтисодӣ истифода бурд.

Дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Масалан, ба ҷойи мафҳуми монополияи соф, муаллиф мафҳуми монополияи тозаро истифода бурдааст.

2. На ҳама вақт ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва хулосаҳою пешниҳодоти муаллиф бо ҳам мувофиқ мебошанд.

3. Дар автореферат баъзан саҳв ва хатогиҳои услубию грамматикӣ низ ҷой доранд.

Ин эродҳои зикршуда дар маҷмуъ баҳои мусбии рисолаи мазкурро коста намекунанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои таҳқиқоти иҷрошударо инъикос мекунанд, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ бархӯрдор мебошанд ва саҳми созгорро дар таҳқиқи бозори гӯшт ва такмили механизми он мегузорад. Маводи асосии рисолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмию ватанӣ, инчунин дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ба чоп расидаанд.

Автореферати мазкурро дида баромада, ба чунин хулоса омадем: диссертатсияи Нахимов С.П. дар мавзӯи «Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он (дар асоси маводи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мебошад.

д.и.и., профессори кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳаллии ДССХ Ҷурабоев Ғ.Ҷ.
Суроға: 734061, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5,
бинои 4, утоқи 8. E_email: gafurjon51@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Ҷурабоев Ғ.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям. Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДССХ Ҷураев Ш.Н.